آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

13 декабри соли 2025
Шанбе
№ 100 (15215)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БАРОИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОР МУСТАҲКАМ КАРДАНИ СУЛҲ ВА ЭЪТИМОД МУҲИМ АСТ

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Роҳбари миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов 11-12 декабр бо сафари корӣ ба ин кишвар ташриф овард.**






12 декабр Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими гулгузорӣ дар Ёдгории бетарафии Ашқобод иштирок кард.

Ин маҷмаа ёдгориҳои бетарафӣ ва «30-солагии бетарафӣ»-ро дар бар гирифта, рамзи садоқати Туркманистон ба ғояҳои инсондӯстӣ, тамоюлҳои сулҳ, эҷодкорӣ ва некӣ мебошанд ва боғи ландшафтии шафати он, ки дар доираи омодагӣ ба ҷашни 30-солагии бетарафии доимии Туркманистон ва «Соли байналмилалии сулҳ ва роҳи эътимод» аз нав сохта шудааст, ботантана кушода шуд.

Президенти мо якҷоя бо роҳбарони дигар ҳайатҳои хориҷӣ дар пояи ёдгорӣ гул гузошт.

Сипас, дар шаҳри Ашқобод Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Форуми байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии бетарафии доимии Туркманистон, Рӯзи байналмилалии бетарафӣ ва «Соли байналмилалии сулҳ ва эътимод» эълон гардидани соли 2025 иштирок кард.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СУЛҲ ВА ЭЪТИМОД

Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳои намояндагон!

Ба Президенти Туркманистон, муҳтарам Сердар Гурбангулиевич Бердимуҳамедов ва Роҳбари миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон, бародари азиз, муҳтарам Гурбангулӣ Мяликгулиевич Бердимуҳамедов барои пазироии самимӣ ва ташкили ин форум дар сатҳи олӣ миннатдории амиқ баён мекунам.

Роҳбарияти Туркманистон ва тамоми халқи бародари туркманро бо ҷашни миллӣ – 30-солагии эълони Бетарафии доимӣ табрик мегӯям.

Ин санаи муборак ҳамеша содиқ будани Туркманистонро бобати пойдор намудани равобит дар пояи сулҳ, эътимод, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон таҷассум менамояд.

Мо ин форумро ҳамчун барои пешбурди ғояҳои сулҳдӯстӣ ва сулҳпарварӣ, таҳкими эътимод ва эҳтироми мутақобила миёни давлатҳо, инчунин ҷустуҷӯи роҳҳои ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами байналмилалӣ тавассути мулоқот ва музокирот як платформаи муҳими сиёсӣ меҳисобем.

Иштирокдорони муҳтарам!

Бетарафии Туркманистон, ки ба ҷузъи ҷудонашавандаи хосаи симои муосири халқи туркман табдил ёфтааст, ба суннатҳои амиқи таърихӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ, ба фазилатҳои накӯкорӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳамсоягии нек такя мекунад.

Ин падида бо шарофати нақши ҳалкунанда ва хидматҳои меъмори фалсафаи бетарафии мусбати марҳилаи имрӯзаи халқи туркман – Гурбангулӣ Мяликгулиевич Бердимуҳамедов дар саросари ҷаҳон ба эътирофи густурда сазовор гардид.

Ин самти стратегии интихобшуда аз ҷониби Президенти Туркманистон, муҳтарам Сердар Гурбангулиевич бо суръати нав татбиқ мегардад.

Модели бетарафии доимии Туркманистон barъало нишон медиҳад, ки чӣ гуна тамоюлҳои эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилӣ метавонад бо сулҳпарварии фаъол ва дипломатияи созанда мутобиқ гардад. Дар Ашқобод бомуваффақият фаъолият намудани Маркази минтақавии дипломатияи пешгирикунанда (превентив)-и СММ барои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ далели равшани ин аст.

Мо дар Ўзбекистон аз бисёр ҷиҳат ба дидгоҳи стратегӣ ва тамоюлҳои сиёсати хориҷии бародарони туркман ҳамроҳ мешавем.

Аз ин рӯ, ташаббуси Туркманистони бародарро оид ба таъсиси Донишгоҳи сулҳ ва бетарафӣ бо ҳамкории Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ менамоем.

Барои Ўзбекистони Нав, дарҳои боз ба ҷаҳон, талош барои эҳтиром ва гуфтугӯи мутақобила арзишҳои асосӣ мебошанд. Бинобар ин, мо Ташаббуси Самарқандро дар бораи ҳамбастагӣ дар роҳи амният ва некӯаҳволии умумӣ пешниҳод кардем. Ин ташаббус барои ба мулоқот ҷалб намудани ҳамаи ҷонибҳо, ки баояндаи башарият бефарқ нестанд, барои сулҳу субот ва рушди устувор талош мекунанд, нигаронида шудааст.

Боварии комил дорем, ки танҳо равишҳои гуманистӣ ва фарогири ба эҳтироми мутақобила ва ҳамдигарфаҳмӣ асосёфта, метавонанд низоми муосири ҳамкории байналмилалиро таҳким бахшанд.

Дар робита ба ин, дар давраи раёсатиояндаи Ўзбекистон ба Ҳаракати бетарафӣ, мо ният дорем ташаббусҳои ҷаҳонӣ оид ба дастгирии фарҳанги сулҳ ва холӣ аз зӯроварӣ, таҳкими эътимод миёни давлатҳо дар асоси мулоқоти сиёсӣ, инчунин, кумакрасонӣ бобати пойдор намудани фазои таҳаммулпазирӣ, ҳамоҳангӣ ва ҳамбастагӣ дар ҷаҳонро ҳамчун самтҳои асосии афзалиятнок муайян намоем.

Мо дар давоми раёсати худ барои дастгирии саъю талошҳо бобати ҳалли низоъҳо дар роҳи манфиати насли оянда, ҳамчун «Соли дипломатияи пешгирикунанда» эълон кардани соли 2027-умро ба нақша гирифтаем. Дар доираи он конфронс ва форумҳоро ташкил намуда, барномаи чорабиниҳоро, ки табодули мутақобилаи ҳайатҳои парлумонӣ, ҷамъиятӣ ва ҷавононро фаро мегирад, қабул хоҳем кард. Умед дорем, ки дар татбиқи он институтҳои махсуси СММ, аз ҷумла Маркази минтақавии дипломатияи пешгирикунанда дар Ашқобод фаъолона ширкат меварзанд.

Дӯстони муҳтарам!

Дар шароити кунунӣ, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳанӯз вазъи ноустувор пойдор аст ва эътимод байни давлатҳо коҳиш меёбад, содиқ мондан ба тамоюлҳои сулҳҷӯӣ ва миёнравӣ аз ҳарвақта аҳамияти бештар пайдо кардааст.

Маҳз аз ин рӯ, пешниҳоди Туркманистон дар бораи ҳамчун «Соли байналмилалии сулҳ ва эътимод» эълон кардани соли 2025 ба талаботи муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ўзбекистон ин ташаббусро пурра дастгирӣ кард ва ҳаммуаллифи қатъномаи дахлдори Маҷмаи Умумии СММ гардид.

Мо бар онем, ки ин ғояи глобалӣ барои инкор кардани зиддиятҳо, ба ҳам омадани мамлакатҳое, ки ҷонибдори ҳалли ихтилофҳо дар сари мизи музокирот ва андешидани чораҳои муассир барои пойдор кардани сулҳ мебошанд, хидмат мекунад.

Мехостам таъкид кунам, ки тамоюлҳои эътимод, эҳтиром ва ҳамбастагӣ, ҳамчунин асоси сиёсати мо барои табдил додани Осиёи Марказӣ ба макони сулҳ, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек мебошад.

Мулоқоти машваратии ҳафтуми роҳбарони давлатҳои минтақа, ки моҳи гузашта дар Тошканд баргузор шуд, бори дигар омодагии моро ба таҳкими ҳамҷиҳатӣ, ҳаракатҳои муштарак бобати таъмини сулҳу субот ва густариши ҳамкориҳои иқтисодии бисёрҷанба дар минтақа нишон дод.

Бояд алоҳида таъкид кард, ки сиёсати созанда ва сулҳҷӯёнаи Туркманистон омили муҳими таъмини субот ва рушд дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Ашқободи расмӣ дар соли 2018 баъд аз солҳои зиёд бори аввал нишасти якуми роҳбарони давлатҳои узви Бунёди байналмилалии наҷоти Аралро ташкил карда, дар эҳёи дубораи гуфтугӯи сатҳи олӣ дар доираи ин бунёд нақши муҳим бозид.

Моҳи августи соли равон дар Аваза баргузор гардидани Конфронси сеюми СММ оид ба кишварҳои рӯ ба рушд, ки имконияти ба баҳр баромаданро надоранд, ба ташаккули фазои ягонаи нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа саҳми назаррас гузошт.

Равишҳои мо ва Туркманистон аз рӯйи масъалаҳои ҷалби Афғонистон ба равандҳои иқтисодии минтақавӣ ва таъмини рушди осоиштаи он тавассути таҳкими пайванди инфрасохторӣ, комилан мувофиқ аст.

Ташаббусҳои Ашқобод оид ба таъмини амнияти энергетикӣ ва обӣ, алоқамандии устувори нақлиётӣ, инчунин ҳифзи экосистемаҳо дар минтақа саъю талошҳои моро дар Осиёи Марказӣ ба таври табиӣ пурра мекунанд.

Ман итминон дорам, ки ин пешниҳодҳои Туркманистон, ки дар худ ғояҳои накӯ, чун сулҳ ва эътимодро таҷассум намудааст, дар рӯзномаи Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои минтақа дар давраи раёсати он мавқеи шоистаро ишғол хоҳанд кард.

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Ҳамкорие, ки дар пояи эҳтиром, эътимод ва ҳамбастагии мутақобила сурат мегирад, барои татбиқи бузургтарин нақшаҳо дар ҳаёт имкон фароҳам меорад. Бинобар ин, пешбурди чунин нақшаҳо тавассути ҳамкориҳои башардӯстона муҳим аст.

Ба ин муносибат, пешниҳод менамоем, ки соли оянда дар Тошканд бо иштироки дастаҳои фарҳангӣ, олимон ва адибон форуми байналмилалии муштараки башардӯстонаи «Гуфтугӯи фарҳангҳо» баргузор шавад, инчунин, барномаи минтақавии «Ҷавонон дар роҳи сулҳ ва эътимод» роҳандозӣ гардад, ки ба ҷалби ҷавонон ба таҳкими равандҳои сулҳ ва эътимод тавассути татбиқи ташаббусҳо дар бахшҳои таълим, фарҳанг ва волонтёрӣ равона шудааст.

Дӯстони азиз!

Сулҳ ва эътимод — асоси некӯаҳволии умумӣ мебошанд. Таҳкими ин арзишҳо бояд барои тамоми ҷомеаи байналмилалӣ чун самти афзалиятноки ҳалкунанда боқӣ монад.

Ўзбекистон минбаъд низ барои саҳмгузории амалӣ бобати барпо намудани низоми одилона ва устувор дар ҷаҳон омода аст.

Барои ҳамаи иштирокдорони форум фаъолияти босамар, барои халқи бародари Туркманистон бошад, сулҳ, фаровонӣ ва пешрафти бештар таманно дорам.

# САФАРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ПАРАГВАЙ БА КИШВАРИ МО САМАРАБАХШ ИДОМА ДОРАД

***Президенти Ҷумҳурии Парагвай Сантяго Пеня бо сафари расмӣ дар мамлакати мо қарор дорад.***

12 декабр меҳмони олимақом ба боғи «Ўзбекистони Нав» ташриф оварда, ба пояи ёдгории Истиқлолият гул гузошт.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба симои ниёи бузурги мо, ки бо амалҳои нек дар роҳи мақсадҳои бузург ва хайр дар таърихи кишвари мо нақши фаромӯшнопазир гузоштаанд, эҳтиром мегузорад.

Ёдгории Истиқлолият, ки рамзи эътимод ба гузашта ваояндаи мамлакат аст, аз камол ёфтани соҳибони заковат, ки гултоҷи маънавият дар ин сарзамин ҳастанд, гувоҳӣ медиҳад.

Президенти Парагвай Сантяго Пеня ҳангоми гузоштани гулчанбар ба пояи ёдгории Истиқлолият, дар назди маҷмаае, ки чун ифодаи равшани озодии Ватан ва фаровонии мардум қад афрохтааст, рамзӣ сар фуруд оварда эҳтиром гузошт.

Дар бораи таърихи кишвар ва маърифати ниёи мо, ки ба тамаддуни ҷаҳон саҳм гузоштаанд, маълумот ба даст овард.

Дар маросим вазири сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ҷумҳурии Ўзбекистон Лазиз Қудратов ва дигар шахсони расмӣ иштирок карданд.

Шаҳраки Олимпӣ, ки дар пойтахтшаҳр бунёд гардидааст, ба иқтидори баланди созандагии халқи мо ва дастовардҳои ҷаҳонии варзиши ўзбек пойдевор хоҳад шуд.

Президенти Ҷумҳурии Парагвай Сантяго Пеня ба шаҳраки Олимпӣ, ки аз ҷиҳати меъморӣ комил буда, ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ ва дорои пешрафтатарин ҳалли инноватсионӣ мебошад, низ ташриф овард.

Ба меҳмони олимартаба вазири варзиши Ҷумҳурии Ўзбекистон Адҳам Икромов ва муовини аввали раиси Кумитаи миллии олимпӣ Отабек Умаров ҳамроҳӣ карданд.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

***Дар шаҳри Тирмиз бо мақсади фароҳам овардани фазои идонаи Соли нав ва ба мардум бахшидани эҳсоси болидагӣ корҳои васеъмиқёс оғоз гардиданд. Кӯчаҳои марказӣ, боғҳои истироҳатӣ, бозор ва марказҳои савдо бо иллюминатсия ва унсурҳои ороишӣ зинат дода мешаванд.***

# ОМОДАГӢ БА ПЕШВОЗИ СОЛИ НАВ

Ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов бо рафти корҳое, ки бояд дар як қатор иншооти шаҳр амалӣ мегарданд, шинос шуд. Аз ҷумла, корҳои насби арчаҳои солинавӣ, ороиши атрофи бозори марказии деҳқонии “Яшил дунё”, васеъ намудани ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти арзон мавриди баздид қарор гирифт. Мутасаддиён лоиҳаҳо, анвои арчаҳо ва тарзи зинат додани онҳоро пешниҳод карданд.

Ҳамчунин, дар маҳаллаи Ҷуйҷангал ҷараёни ташкили нуқтаҳои савдо, хидматрасонӣ ва роҳандозии лоиҳаҳои соҳибкорӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Барилова,ташкили чорабиниҳои идона ва ярмаркаҳое, ки бояд дар кӯчаҳои “Туризм ва ҷавонон” шабонарӯз фаъолият кунанд, баррасӣ гардиданд.

Ба масъулон барои дар муҳлати кӯтоҳ анҷом додани корҳои насби арчаҳои солинавӣ, омода намудани барномаҳои фароғатӣ барои аҳолӣ ва густариши фаъолияти ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти арзон супоришҳо дода шуданд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# БАРОИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОР МУСТАҲКАМ КАРДАНИ СУЛҲ ВА ЭЪТИМОД МУҲИМ АСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ин чорабинӣ, ки таҳти раёсати Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов баргузор шуд, ҳамчунин Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуд Пизишкиён, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, инчунин роҳбарони дигар кишварҳо, сарони ҳукумат ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ширкат варзиданд.

Дар суханронии худ Президенти Ӯзбекистон ҷониби Туркманистонро бо 30-юмин солгарди бетарафии доимӣ самимона табрик намуда, таъкид сохт, ки ин санаи муҳим таҷассуми садоқати устувори Туркманистон барои рушди муносибатҳои сулҳҷӯёна, боэътимод, дӯстона ва мутақобилан судманд бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон мебошад.

– Бетарафии Туркманистон, ки қисми ҷудонопазири ҳувияти муосири халқи туркман гардидааст, ба анъанаҳои амиқи таърихӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ, инчунин сифатҳои олие чун саховатмандӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳамсоягии нек такя мекунад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар ин замина ташаббуси Туркманистон оиди якҷоя бо Созмони Милали Муттаҳид таъсис додани Донишгоҳи сулҳ ва бетарафӣ дастгирӣ гардид.

Сарвари давлатамон зикр намуд, ки барои Ӯзбекистони Нав кушодагӣ ба ҷаҳон, эҳтироми мутақобила ва талош барои гуфтугӯ арзишҳои асосӣ ба шумор мераванд. Яке аз далелҳои ин раванд Иқдоми Самарқанд оид ба ҳамбастагӣ баҳри амнияти умумӣ ва шукуфоӣ мебошад, ки аз ҷониби Ӯзбекистон пешниҳод шуда, ба ҷалби ҳамаи ҷонибдорони сулҳ, созиш ва рушди устувор ба муколама равона шудааст.

Илова бар ин, Ӯзбекистон мехоҳад дар давраи раёсати худ дар Ҳаракати бетарафӣ афзалиятҳоро ба ҳавасмандгардонии ҳаракати ҷаҳонӣ ба нафъи фарҳанги сулҳ ва зӯроваринопазирӣ, таҳкими эътимод дар муносибатҳо миёни давлатҳо дар асоси муколамаи сиёсӣ ва мусоидат ба густариши фазои таҳаммул, ҳусни тафоҳум ва ҳамбастагӣ равона созад.

Ҳамчунин дар давраи раёсат ба нақша гирифта шудааст, ки соли 2027 – Соли дипломатияи пешгирикунанда оид ба дастгирии талошҳо бобати ҳалли низоъҳо бар манфиати насли оянда эълон карда шавад. Дар доираи он барномаи чорабиниҳо, аз ҷумла баргузор намудани конфронсу форумҳо ва табодули ҳайатҳои парлумонҳо, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷавонон тарҳрезӣ мегардад.

Президенти кишварамон таъкид намуд, ки дар шароити кунунии танишҳои ҷаҳонӣ ва коҳиши эътимод миёни давлатҳо, риояи тамоюлҳои сулҳдӯстӣ ва миёнҷигӣ беш аз ҳарвақта муҳим гардидааст. Маҳз аз ин рӯ Ӯзбекистон пешниҳоди Туркманистонро оид ба Соли байналмилалии сулҳ ва эътимод эълон намудани соли 2025 дастгирӣ намуд ва ба ҳайси ҳаммуаллифи қатъномаи дахлдори Маҷмаи умумии СММ баромад.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки принсипҳои эътимоди мутақобила, эҳтиром ва якдилии кишварҳо сиёсати асосии табдил додани Осиёи Марказӣ ба фазои сулҳ, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек ба шумор мераванд.

– Мулоқоти машваратии ҳафтум дар сатҳи сарони давлатҳои минтақа, ки моҳи гузашта дар Тошканд баргузор шуд, бори дигар омодагии моро ба таҳкими ҳамбастагӣ, амалҳои муштарак барои таъмини сулҳу субот дар минтақа, инчунин густариши ҳамкориҳои иқтисодии бисёрсамтӣ нишон дод, – изҳор кард Шавкат Мирзиёев.

Дар ин робита, Сарвари давлатамон ба нақши хосаи сиёсати созанда ва сулҳҷӯёнаи Туркманистон дар таъмини субот ва рушди Осиёи Марказӣ ишора намуд.

Президент изҳори боварӣ кард, ки ташаббусҳо ва пешниҳодҳои байналмилалии Туркманистон, ки ба ғояҳои неки сулҳ ва эътимод асос меёбанд, дар рӯзномаи давраи раёсати Ашқобод дар формати Вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳои минтақа ба таври шоиста инъикос меёбанд.

Бо зикри аҳамияти ҳамкории башардӯстона барои тақвияти ҳамкорӣ, ки бар пояи эҳтироми мутақобила, эътимод ва ҳамбастагӣ асос ёфтааст, роҳбари Ӯзбекистон пешниҳод кард, ки соли оянда дар Тошканд форуми байналмилалии башардӯстона бо номи «Гуфтугӯи фарҳангҳо» ташкил карда, барномаи минтақавии «Ҷавонон барои сулҳ ва эътимод» роҳандозӣ карда шавад.

Дар хотима, роҳбари давлат омодагии Ӯзбекистонро барои идома додани саҳми созанда дар бунёди тартиботи одилона ва устувори ҷаҳонӣ таъкид кард.

Бо ҳамин, сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Туркманистон анҷом ёфт.

**ӮзА.**

# ҚАҲРАМОНИ ӮЗБЕКИСТОН АБДУРАИМ ҲАМИДОВ



Фермери маъруф, ки тамоми умр ва фаъолияти меҳнатии худро ба рушди соҳаи кишоварзӣ бахшидааст, Қаҳрамони Ӯзбекистон Абдураим Ҳамидов дар синни 82-солагӣ даргузашт.

А. Ҳамидов 20 октябри соли 1943 дар ноҳияи Тӯрақӯрғони вилояти Намангон таваллуд шудааст. Фаъолияти меҳнатии худро соли 1960 дар хоҷагии ҷамъиятии «Ӯзбекистон»-и ноҳия ҳамчун механизатор оғоз кардааст. Баъдан ҳамчун пудратчии хоҷагии ширкат фаъолият намудааст. Соли 2007 хоҷагии фермерии «Шаҳанд ҳумо қуши»-ро таъсис дода, тӯли солҳо фидокорона меҳнат кардааст.

А. Ҳамидов дар давоми фаъолияти кории қариб 60-сола худро ҳамчун кишоварзи воқеӣ, ки илми деҳқониро амиқ аз бар намудааст, фермери фидокоре, ки агротехнологияҳои муосирро омӯхта, дар пахтакорӣ мактаби хоси худро созмон додааст, инсони меҳнатдӯст, самимӣ ва содиқ ба халқу Ватан намоён карда, дар татбиқи ислоҳоти густурда дар соҳаи аграрӣ ва боло бурдани рушди ҳаракати фермерӣ дар мамлакат саҳми арзанда гузошт.

Ӯ ҳамчун депутати Шӯрои намояндагони халқи вилояти Намангон дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят, беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум ва дар корҳои тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи муҳаббат ва садоқат ба Ватан фаъолии хуб нишон дод.

Меҳнати пурсамару бисёрсолаи Абдураим Ҳамидов аз тарафи давлат муносиб қадр гардид. Ӯ бо унвони «Қаҳрамони Ӯзбекистон», ордени «Меҳнат шуҳрати» ва Ифтихорномаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон сарфароз гардида буд.

Хотираи неки намояндаи шинохтаи соҳаи кишоварзии мамлакат, устоди дилсӯз, инсони самимӣ ва хоксор Абдураим Ҳамидов дар дилҳои мо абадӣ боқӣ хоҳад монд.

**Ш. МИРЗИЁЕВ, Т. НОРБОЕВА, Н. ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, С. ТУРДИЕВ, Ш. АБДУРАЗЗОҚОВ**

# АКАДЕМИК АБДУЛЛА УБАЙДУЛЛАЕВ



9 декабри соли ҷорӣ олими барҷастаи соҳаи тиб, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои тиб, профессор Абдулла Муҳаррамович Убайдуллаев аз олам даргузашт. Ӯ 91-сола буд.

Абдулла Убайдуллаев 20 марти соли 1934 дар шаҳри Тошканд таваллуд шудааст. Пас аз хатми мактаби миёна, дар Донишкадаи давлатии тиббии Тошканд (ҳоло — Донишгоҳи давлатии тиббии Тошканд) таҳсил кардааст. Фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун фелдшер дар беморхонаи клиникии рақами 1-уми шаҳри Тошканд оғоз намуд. Баъдан дар аспирантура ва докторантураи Тошканд ва Москва таҳсил карда, рисолаи номзадӣ ва доктории дифоъ кардааст. Барои хизматҳои бисёрсолаи худ дар соҳаи илм соли 1995 узви вобаста ва соли 2000 узви комили (академики) Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб гардид.

Дар тӯли қариб 70 соли фаъолияти меҳнатӣ А. Убайдуллаев ҳамчун ассистент ва дотсенти Институти такмили ихтисоси табибони Тошканд, декани факултет, директори Институти ҷумҳуриявии илмӣ-тадқиқотии фтизиатрия ва пулмонология, профессори Маркази рушди малакаи касбии кормандони тиб фаъолият намудааст. Дар ҳамаи ин вазифаҳои пурмасъулият ӯ қобилияти баландии илмӣ-педагогӣ ва ташкилии худро нишон дод.

Олиме, ки тамоми умри худро ба кори пуршарафи ҳифзи саломатии аҳолӣ бахшида буд, дар омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои баландихтисоси тиббӣ, инчунин дар рушди илми муосири тиббии Ӯзбекистон ҳиссаи калон гузоштааст.

Дар фаъолияти илмии ӯ фтизиатрия ва пулмонология-эпидемиология ҷойи махсус ишғол мекард. Ӯ таҳқиқоти муҳими марбут ба пешгирӣ ва муолиҷаи сил ва бемориҳои ғайритипии узвҳои нафасро анҷом дода, муаллифи даҳҳо монография, китобҳои дарсӣ ва дастурҳо гардид ва дар кишвар мактаби илмии пулмонология ва аллергологияро ба вуҷуд овард.

Дар солҳои гуногун Абдулла Убайдуллаев Ассотсиатсияи пулмонологҳои Осиёи Марказиро роҳбарӣ мекард, сармуҳаррири маҷаллаи илмии «Вестник пулмонологов Центральной Азии» буд, узви Ҷамъияти респиратории Аврупо ва Иттиҳоди байналмилалии мубориза бо сил ва бемориҳои шуш ба ҳисоб мерафт. Фаъолияти ӯ ҳам дар кишвар ва ҳам дар ҷомеаи байналмилалии илмӣ эътироф пайдо карда буд.

Ин олими ба касби худ содиқ барои бисёр мутахассисони ҷавон устод ва роҳнамо гардид. Зери роҳбарии ӯ даҳҳо рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ шудаанд.

Хидматҳои академик А. Убайдуллаев дар рушди тибби миллӣ аз ҷониби давлат баҳои баланд гирифт. Ӯ бо унвони фахрии «Корманди шоистаи соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» сарфароз гардида, бо ордени «Буюк хизматлари учун» мукофотонида шудааст.

Хотираи дурахшони ин олими бузург, устоди ғамхори ҷавонон, инсони самимӣ ва хоксор Абдулла Муҳаррамович Убайдуллаев ҳамеша дар дилҳои мо боқӣ хоҳад монд.

**Ш. МИРЗИЁЕВ, Т. НОРБОЕВА, Н. ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, Ш. АЮПОВ, А. ХУДАЯРОВ**

# ИФТИТОҲИ БИНОИ ЗАМОНАВИИ КӮДАКИСТОН

Дар ноҳияи Чусти вилояти Намангон боз як бинои замонавии кӯдакистон ба истифода дода шуд. Муассисаи давлатии томактабии рақами 55-уми маҳаллаи Янгичак минбаъд фаъолияти худро дар ин бинои нав давом медиҳад. Бо бозсозӣ ва корҳои таъмирӣ дар боғча миқдори ҷой аз 50 то 90-то афзуд. Макони таълимӣ бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин шуда, имкониятҳои қулай, бехавфу хатар барои кӯдакон фароҳам омад.

Дар чорабинии пуршукӯҳ ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов, роҳбарони созмони муассисаҳои таълими томактабӣ, намояндагони маҳалла, нурониён, собиқадорони меҳнат ва падару модарон иштирок намуданд.

– Кӯдакистон тамоман аз нав сохта шуд. Барои бунёди бинои нав наздик ба 3 миллиард сӯм маблағ сарф шудааст. Корҳои сохтмонро бинокорони ҶММ «Челси дизайн»-и шаҳри Намангон анҷом доданд. Албатта, мо аз ғамхориҳо рӯҳу қувват гирифта, меҳнат мекунем. Таълиму тарбияи бачагонро боз босифату мазмуннок месозем, – гуфт сарвари муассиса Матлуба Ҷӯраева.

Муассисаи давлатии бозсохту навбунёд ба аҳли маҳаллаи Янгичак, хосатан, оилаҳои ҷавон ҳадяи идона гардида, ба онҳо хуррамию нишот бахшид.

**Ш. МИРЗОЕВ.**

*Вилояти НАМАНГОН.*



*Қарори Президент – дар амал*

# РАИСИ МАҲАЛЛА – ВИҶДОНИ МАҲАЛЛА

***14-уми октябри соли равон таҳти раёсати Президент оид ба масъалаҳои такмили минбаъдаи низоми маҳалла ва ташкили самарабахшии кор дар самти мазкур ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардида буд.***

***Боиси хушнудист, ки солҳои охир бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлатамон маҳаллаҳо ба як идораи давлатӣ табдил ёфта, ба рӯҳи Ӯзбекистони Нав мутобиқ шуданд. Дар маҳаллаҳо низоми «сегона», «панҷгона» ва ду сол қабл аз ин «ҳафтгона» рӯйи кор омад.***

***Суҳбати мо бо раиси маҳаллаи Ӯрташайхи ноҳияи Самарқанд – Асрор Нарзуллоев доир ба ислоҳоти пурсамар, пешравӣ, фаъолияти «ҳафтгона» ва дигар масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ буд.***

– Дар маҷлиси видеоселекторие, ки таҳти раёсати сарвари давлатамон оид ба масъалаҳои такмили минбаъди низоми маҳалла баргузор гардид, мо – раисони беш аз як ҳазору 300 маҳаллаи вилоят низ ширкат варзида, аз ташрифи Президенти мамлакат ба маҳаллаи Шӯрариқи ноҳияи Норини вилояти Намангон огоҳӣ ёфтем, – гуфт Асрор Нарзуллоев, – баъд мо, як гурӯҳ аминҳои маҳаллаҳои ноҳияи Самарқанд ба маҳаллаи Шӯрариқ омада, ба корҳои ибратбахшу лоиқи таҳсин аз наздик шинос шудем. Дар ҳақиқат кӯчаву хиёбонҳо обод, атрофу муҳит гулзору кабудизор, пиру барно бо тадбиркорӣ машғуланд. Чунин манзараи илҳомбахшу ибратомӯзро дида, кас беихтиёр аз дил мегузаронад: «Ана, мешудааст-ку!»

Баъди сафари Намангон бо фаъолони маҳалла ва узви «ҳафтгона» суҳбати дилнишину самимӣ оростем ва орзу кардем, ки мисли мардуми Шӯрариқи ноҳияи Норин вирди забон хоҳем шуд.

Ба маълумоти шумо расонам, ки дар маҳаллаи мо беш аз чаҳор ҳазору 200 нафар аҳолӣ, ки аксарияти онҳо тоҷиктаборанд, ҳамчун фарзандони як оила аҳлу тифоқ зиндагӣ ба сар мебаранд. Аъзои фаъоли Шӯрои маҳалла директори мактаби рақами 16-ум Дилсоро Юсупова, шоири ширинкалом Нормурод Каримзода, собиқ афсари Нерӯҳои мусаллаҳ, полковник Шодмон Азизов, имомхатиби гузар Ҳамроқул Субҳонов, шифокор Гулбаҳор Зоҳидова, собиқадори таълими халқ, устоди варзиш оид ба шоҳмот Муҳаммад Султонмуродов, ҷонишини ман оид ба корҳои ҳуқуқу тартибот Мирҷамол Эргашев, ёвари ҳоким Исломҷон Ризоев, пирони рӯзгордида Зиёда Зиёева, Шавкат Солеев, Абдуфаттоҳ Қаҳҳорӣ, ходими идора Наргиза Ҷабборова ва дигарон ба маънои том илҳомбахши каминаанд.

**– Роҳбари давлатамон ба кадом омилҳо ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуданд?**

– Тибқи барномаи «Аз камбизоатӣ ба сӯйи некӯаҳволӣ» ба таъмини шуғли аҳолӣ, тандурустӣ, таълиму тарбияи насли наврас, гузарондани тӯю маърака, ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон рӯйи эътибор гардонда шуд.

**– Чуноне ки сарвари давлатамон таъкид кардаанд, вақтҳои охир ҳолати ногувору нохуш – вайроншавии оилаҳо зиёд ба назар мерасад.**

– Афсӯс, дар ҳақиқат пӯшида нест, ки бо айби баъзе ҷавонони булҳавас, худсару кӯтоҳандеш, хушдоман ва арӯсони аз масъалаҳои оиладорӣ фарсаххо дур никоҳҳо бекор мешаванд.

Воқеан оила муқаддас аст, манбаи меҳру муҳаббат, пояи асосии рушди устувори ҷомеа буд ва хоҳад монд. Бинобар ҳамин мо бо иштироки мӯйсафедони рӯзгордида, падару модарони соҳибэҳтиром, пешвоёни дин, фаъолони маҳалла, аъзои «ҳафтгона», ходимони идораи давлатии ақди никоҳ барои бартараф кардани чунин ҳолатҳои номатлуб корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ мегузаронем.

Вале афсӯс, ки бо якравӣ, баланддимоғӣ ва кӯтоҳандешии баъзе шахсон оила вайрон, кӯдакон зиндаятим мегарданд.

Дар омади гап бояд таъкид намуд, ки сабаби асосии вайрон шудани оила тӯй ва маъракаҳои пурдабдаба, намоишкорӣ ва исрофгарӣ мебошанд.

**– Маслиҳат, муроҷиати шумо ба ҷавонон...**

– Бо ташаббуси сарвари давлатамон лоиҳаи «Макони сабз» оғоз ёфт, ки мақсади асосӣ аз он ободу зебо, шукуфоии кишвар аст. Ва боз агар дар куҷое озодагӣ, саранҷому сариштагӣ бошад, дар ҳамон ҷо файзу баракат, кайфияти аъло, ривоҷу равнақ хоҳад буд. Бисёр мехостам ҷавонон дар татбиқи ин лоиҳа саҳми назаррас гузоранд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Барномаи миллии «Макони сабз» – дар амал*

***Барномаи миллии «Макони сабз» дар шароити мураккаби экологӣ аҳамияти муҳим пайдо карда, ба маъракаи умумхалқӣ табдил ёфтааст ва алҳол дар вилояти Бухоро низ бо рӯҳбаландӣ татбиқ мегардад.***

# НИҲОЛШИНОНӢ ХУБ ГУЗАШТ

Тирамоҳи соли равон дар вилоят 9 миллиону 712 ҳазор ниҳоли дарахтони гуногун шинонда шуданд. Дар ноҳияи Когон 500 ҳазор бех, аз ҷумла дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Сухор барои бунёди боғи фарҳангии истироҳатӣ 10 ҳазор бех ниҳоли дарахтони гуҷум, сафедор, акатся ва ғайра шинонданд. Ин кор дар ноҳияҳои Ғиждувон, Қаровулбозор, Бухоро, Шофиркон низ бо рӯҳбаландӣ гузашт. Дар ноҳияи Бухоро бо ташаббуси ҳокимияти вилоят ва Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят «Боғи устодон» кушода шуда, дар он қариб ҳазор бех ниҳоли дарахтони мевадеҳ нишонданд. Дар ин маърака беш аз 500 нафар корманди соҳа фаъолона иштирок карданд. Метавон гуфт, ки ин мавзеъ на фақат дар маҳаллаи «Истиқбол», балки дар вилоят ба яке аз ҷойҳои хушманзара ва пурфайз табдил хоҳад ёфт.

Дар ноҳияи Шофиркон ҳам 1 миллиону 100 ҳазор бех ниҳоли дарахтони мевадеҳу манзаравӣ нишонда шуданд.

Дар ин ҷараён намояндагони ҳамаи соҳаҳо иштироки фаъолона доранд. Ин ҳаракат дар дигар мавзеъҳои вилоят низ муташаккилона сурат гирифт.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# АФЗОИШИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ХИДМАТИ ДАВЛАТӢ

***Солҳои охир дар кишвари мо барои ташкили идоракунии давлатӣ дар асоси механизмҳои муосир, рушди захираҳои инсонӣ ва баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ ба аҳолӣ ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ мешаванд.***

***Дар Маркази матбуоти миллӣ дар бораи зарурат ва аҳамияти Фармони Президент «Дар бораи чораҳои боз ҳам беҳтар кардани самаранокии идоракунӣ дар хидмати давлатӣ» нишасти матбуотии Агентии самаранокии идоракунӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар он роҳбарият ва кормандони масъули агентӣ иштирок карданд.***

– Тибқи ин Фармон ба Агентии самаранокии идоракунӣ дар назди Президент, ки дар заминаи Агентии рушди хидмати давлатӣ таъсис ёфтааст, барои ҷорӣ намудани низоми идоракунӣ дар асоси натиҷаҳо, муайян кардани имкониятҳои нави минтақаҳо ва баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, инчунин такмил додани низоми кор бо захираҳои инсонӣ дар мақомоти давлатӣ ваколатҳои васеъ дода шуданд, – мегӯяд мудири департаменти кадрҳои Агентии рушди хадомати давлатӣ Илҳом Қурбонов. – Агентӣ ҳоло чораҳоеро ба монанди равишҳои муосири идоракунӣ ва ташкилӣ, таъмин намудани мақомоти давлатӣ бо захираҳои инсонӣ, пешгирии робитаҳои уфуқӣ ва амудии тақсимоти ҳудудӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ, таъмини иҷрои барномаҳои давлатӣ, муайян кардани нуқтаҳои афзоиш ва имкониятҳои истифоданашуда, ҷорӣ намудани системаи муосири тадқиқот, рушд ва модели салоҳият, захираи кадрҳо ва рушди онҳо, инчунин истифодаи дониш ва потенсиали ҳамватанони хориҷиро амалӣ мекунад.

Самаранокии идоракунии давлатӣ дар асоси занҷири «вазифа-функсия-захира-масъулият» афзоиш дода мешавад. Аз ҷумла, вазифаҳо ва функсияҳои мақомоти давлатӣ ба 5 сатҳи зерин: сатҳҳои конститутсионӣ ва миллӣ, сатҳи мақомоти иҷроияи ҷумҳуриявӣ, сатҳи ҳудудӣ, сатҳи ноҳиявӣ (шаҳрӣ) ва сатҳи ҷамоати шаҳвандони маҳалла (деҳа, овул) тақсим шудааст.

Мувофиқи Фармон, аз 1 январи соли 2026 дар мақомоти давлатии 33 ноҳия (шаҳр) бо мақоми «ноҳияҳо (шаҳрҳо) дар симои Ӯзбекистони Нав» фаъолияткунанда низоми ротатсия (гардиш) ҷорӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат, роҳбари бахши ноҳия (шаҳр)-и мақомоти иҷроияи ҷумҳурӣ ва ҳокими ноҳия (шаҳр) ва муовинони ӯ, чун қоида, ҳар 5 сол ба ноҳия (шаҳр)-и дигар дар дохили Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ротатсия карда мешавад. Роҳбароне, ки бояд ротатсия шаванд, тавассути платформаи «hrm. gov. uz» муайян карда мешаванд.

Пеш аз кӯчидан ба минтақаи нав, роҳбар дар курси интенсивӣ оид ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа омӯзонида мешавад. Фаъолияти роҳбари ротатсияшуда аз ҷониби агентӣ тавассути платформаи электронӣ онлайн назорат карда мешавад.

Инчунин дар мақомоти давлатӣ низоми устувори зиддикоррупсионии кормандон ҷорӣ карда мешавад.

Ҳоло тартиби нави нигоҳдории захираи кадрҳо дар мақомоти давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Рӯйхати номзадҳо барои вазифаҳои дар Захираи миллии кадрҳо дохилшуда аз ҷониби мақомоти давлатӣ мустақилона ташаккул дода мешавад. Иҷрои нақшаи рушди шахсии номзадҳои интихобшуда тавассути платформаи электронии «zaxira. bsa.uz» назорат карда мешавад.

Дар нишасти матбуотӣ баромадкунандагон қайд карданд, ки чораҳои пешбинишуда дар фармон барои ба сатҳи сифатан нав баровардани хидмати давлатӣ, баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва рушди салоҳияти касбии кадрҳо равона карда шудаанд ва таъкид карданд, ки ҳангоми таҳияи ин ташаббусҳо пешниҳодҳои аҳли ҷомеа ва хидматчиёни давлатӣ ба назар гирифта шудаанд.

Дар рафти чорабинӣ, рӯзноманигорон ва фаъолони ҷамоатӣ ин фармонро як қадами стратегӣ дар навсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлатӣ арзёбӣ карда, ба ҳамаи саволҳои худ оиди соҳа посух гирифтанд.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҒОЛИБОНИ МАРҲИЛАИ ВИЛОЯТӢ БА ОЛИМПИАДАИ ЗИНАИ ҶУМҲУРИЯВӢ МЕРАВАНД

***Дар вилояти Фарғона марҳилаи минтақавии олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз фанҳои асосӣ натиҷагирӣ шуд ва ғолибони он муайян гардиданд. Бар асоси маълумоти Садорати таълими томактабӣ ва мактаби вилоят дар ин олимпиада 2 ҳазору 559 нафар донишомӯзони синфҳои 9, 10 ва 11-ум иштирок намуданд. Онҳо донишу малакаи худро аз 15 фан намоиш доданд.***

– Тибқи натиҷагириҳо 135 нафар донишомӯзон ҷойҳои 1, 2 ва 3-юмро ишғол карда, бо диплом ва мукофотҳои пулӣ сарфароз гардонида шуданд. Қобили зикр аст, ки дар байни довталабони олимпиадаи марҳилаи вилоятӣ шогирдони мактабҳои ноҳияи Сӯх пешдаст гаштаанд, – гуфт сардори Садорати таълими томактабӣ ва мактаби вилоят Шерзод Долимов.

Ғолибони ҷойи 1-ум 2 миллиону 472 ҳазор сӯм, ҷойи 2-юм 1 миллиону 648 ҳазор сӯм ва ҷойи 3-юм 1 миллиону 236 ҳазор сӯм мукофотҳои пулиро ба даст оварданд.

– Дар олимпиада 10 нафар хонандагони боистеъдоди ноҳияи мо сазовори ҷойҳои 1, 2 ва 3-юм шуданд. Онҳо дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин талош хоҳанд кард, – иброз дошт сардори шуъбаи таълими томактабӣ ва мактаби ноҳияи Сӯх Фозилҷон Мирзоев.

Дар ин ҷода заҳмати муаллимони забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ Санҷар Исмоилзода, Равшан Амалов, Шоҳрӯз Додозода, Нурбек Илёсов, Мунирахон Холмуродова, Муллоҳусейн Сафаров, Тӯймаҳмад Қароев ва Акрамҷон Аминҷонов, инчунин директорони мактабҳо Комил Саломов, Абдумаҷид Юлдошев, Дониёр Ҳакимов, Маҳмадхӯҷа Саидов, Абдуқаҳҳор Додобоев ва Ҳабибҷон Ҷӯраев хеле калон мебошад. Зеро маҳз бо саъй ва талоши онҳо хонандагон ба олимпиадаҳои марҳилаи ноҳиявӣ ва вилоятӣ тайёр шуданд.

Ба таъкиди Ф.Мирзоев барои ба чунин муваффақият сазовор шудани хонандагони мактабҳои ноҳия саҳми волидайни онҳоро низ қайд кардан зарур аст. Онҳо шароити мусоид фароҳам оварданд, ки фарзандонашон ба озмунҳо пухта тайёрӣ бинанд.




Аз фанни забони тоҷикӣ хонандаи синфи 9-уми мактаби миёнаи рақами 2-юм Муздалифа Илҳомова бо 72,1 хол ҷойи 1-ум, аз мактаби миёнаи рақами 25 Соҳибахон Бобоазимова бо 54,2 хол ҷойи 2-юм ва аз мактаби рақами 19-ум Гулсанамхон Анварова бо 45,7 хол ҷойи 3-юмро ишғол карданд. Аз ин фан дар байни хонандагони синфи 10-ум аз мактаби миёнаи рақами 11 Гулзора Аминова бо 62,2 хол ҷойи 1-ум, аз мактаби миёнаи рақами 25 Даҳиятбону Бобуртӯраева ҷойи 2-юм ва аз ҳамин мактаб Умринисо Баҳромҷонова бо 47,5 хол ҷойи 3-юмро сазовор гаштаанд.

Дар байни хонандагони синфи 11-ум аз мактаби рақами 28 Фариштамоҳ Ҳасанҷонова бо 85.9 хол ҷойи 1-ум, аз мактаби рақами 25 Кибриёхон Бобоазимова бо 76 хол ҷойи 2-юм ва аз мактаби рақами 11-ум Холинисо Бобошерова бо 76 хол низ ҷойи 2-юми ғолибони фанни забони тоҷикӣ донист шудаанд.

Хонандаи синфи 9-уми мактаби миёнаи рақами 9-уми ноҳия Гулнигор Алиҷонова аз фанни забони давлатӣ ҷойи 3-юмро ишғол кардааст.

– Акнун дар пеш олимпиадаи марҳилаи ҷумҳуриявӣ донишомӯзонро интизор аст. Умедворем, ки дар ин марҳилаи сарнавиштсоз низ онҳо донишу маҳорати худро сарбаландона намоиш дода, ҷойҳои ифтихориро ба даст меоранд, – мегӯяд Фозилҷон Мирзоев.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири Овози тоҷик.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Ба наздикӣ дар минтақаҳо байни хонандагони синфҳои 9-11-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ марҳилаи сеюми минтақавии олимпиадаи фанҳо ба охир расид.***

Дар вилояти Намангон дар ин марҳилаи озмун аз 15 фан 135 хонанда иштирок карда, 45 хонандаи синфи 11-ум ба зинаи ҷумҳуриявии олимпиада роҳхат гирифтанд. Писарону духтароне, ки ҷойҳои 1, 2 ва 3-юмро ишғол карданд, бо ҷоизаи пулӣ ва дипломҳо рағбатонида шуданд.

Аз ҷумла, аз фанни забон ва адабиёти тоҷик, ки дар он довталабон аз ноҳияҳои Чуст ва Поп иштирок кардаанд, хонандагони чустӣ ғолибиятро ба даст даровარданд. Хурсандиовар аст, ки ҷойҳои 1-ум ва 2-юм ба хонандагони як мактаб – мактаби рақами 50-ум Маҳфуза Эркинова ва Мубина Асқаралиева насиб кард. Ба ҷойи 3-юм хонандаи мактаби рақами 13-ум Нозанин Обидова сазовор гашт.

Дар чорабинӣ роҳбари садорати таҳсилоти томактабӣ ва мактабӣ Аъзамҷон Исоқов ба сухан баромада, ғолибонро табрик намуд ва ба ҳамаи онҳо эътимоди баланд изҳор карда, таъкид намуд, ки барои ба даст даровардани натиҷаҳои баланд дар марҳилаи ҷумҳуриявӣ омодагӣ бинанд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# МУАРРИФИИ НУСХАИ АНГЛИСИИ КИТОБИ «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ: РОҲИ ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ»

***Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳон ва дипломатия мизбони маросими муаррифии нусхаи англисии китоби «Ўзбекистони нав: Роҳи Шавкат Мирзиёев» гардид. Муаллифи китоб сиёсатшиноси маъруф, сенатор ва раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон Қудратилло Рафиқов мебошад.***

Дар чорабинӣ намояндагони мақомоти давлатӣ, корпусҳои дипломатӣ, муҳити илмӣ ва намояндагони васоити ахбори омма ширкат варзиданд. Зимни муаррифӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба ислоҳот ва тағйироти бузургмиқёсе равона шуд, ки солҳои охир таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев амалӣ гардида, дар ин китоб инъикос ёфтаанд.

Муовини аввали раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, ректори донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дипломатия Содиқ Сафоев таъкид кард, ки дар китоби Қудратилло Рафиқов таҳлили ҳамаҷонибаи самтҳои рушди стратегии кишвар пешниҳод гардидааст. Ба гуфтаи ӯ, дар китоб тағйироти амиқ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо далелу мисолҳои равшан инъикос ёфтаанд.

– «Ўзбекистони нав: Роҳи Шавкат Мирзиёев» асари бунёдӣ буда, ҷараёни тағйироти кишварро муфассал шарҳ медиҳад. Нашрия барои хонандагони байналмилалӣ пешбинӣ шуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки моҳият, ҳадафҳо ва дастовардҳои ислоҳоти дар кишвар татбиқшавандаро амиқтар дарк намоянд, – изҳор дошт Содиқ Сафоев.

Ӯ афзуд, ки дар китоб ба либерализатсияи иқтисодӣ, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва болоравии нақши Ўзбекистон ҳамчун иштирокчии фаъоли равандҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Ба иттилои ӯ, нусхаи англисии китоб аллакай таваҷҷуҳи васеи байналмилалиро ҷалб намудааст.

Дар идома муовини аввали вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон Баҳромҷон Алоев, сардабири рӯзномаи «Ишонч», сенатор Ҳусан Эрматов, доктори илмҳои фалсафа Моҳинура Мирҳамидова ва сафирони Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба муҳтавои китоб андешаҳои худро баён карданд. Таъкид гардид, ки баргузоршавии чунин чорабиниҳо дар миёни коршиносон, сиёсатмадорон ва дипломатҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёд ба вуҷуд оварда, ба баланд гардидани эътибори «Ўзбекистони нав» дар сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Муаррифии китоб дар Вашингтон — дар бинои Конгресси ИМА, ҳамчунин дар қароргоҳи СММ дар шаҳри Ню-Йорк низ бо истиқболи гарму самимӣ баргузор шудааст.

**Гуласал ШОКИРОВА,**
**корманди Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳон ва дипломатия.**

# САФАРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ПАРАГВАЙ БА КИШВАРИ МО САМАРАБАХШ ИДОМА ДОРАД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар ҳақиқат, имрӯз ин маҷмаа имкониятҳои Ўзбекистони Навро на танҳо ба Осиё, балки ба тамоми ҷаҳон муаррифӣ менамояд. 9 ноябри соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба сохтмони шаҳрак санги асос гузошта буд.

Дар маҷмаа, ки масоҳати умумии он зиёда аз 100 гектар аст, варзишгоҳи махсус барои атлетикаи сабук ва футбол, иншооти кушода ва пӯшидаи барои мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ пешбинишуда бунёд ёфтааст.

Дар дохили шаҳрак панелҳои офтобӣ насб шудаанд, ки онҳо майдони маҷмааро бо нерӯи барқ таъмин мекунанд. Барои қувватдиҳии мошинҳои барқӣ низ истгоҳҳо ташкил шудаанд.

Дар ин ҷо барои гузаронидани мусобиқа ва машқҳои велопойга, тенниси рӯимизӣ ва шамшербозӣ имконият фароҳам гардидааст. Дар варзишгоҳи дорои 12 ҳазор ҷойи нишаст майдони сабз ва дар 9 қатори роҳрави давидан оид ба 48 навъи атлетикаи сабук мусобиқа ва маросимҳои тантанавӣ гузаронидан мумкин аст.

Дар қасри варзиши обӣ ҳавзҳои шиноварӣ ва ҷа-ҳидан ба об, ҳавз ва толори машқ мавҷуданд. Дар маҷмааи варзиши даставӣ бошад, метавон машқ ва мусобиқаҳои байналмилалиро оид ба волейбол, баскетбол ва гандбол гузаронд.

Маҷмааи гӯштии якка барои рушди намудҳои варзиш, чун дзюдо, бокс ва таэквондо асос хоҳад шуд.

Пас аз шиносоӣ бо шароити дар шаҳраки Олимпӣ фароҳамшуда, роҳбари Парагвай итминон ҳосил кард, ки дар кишвари мо ба рушди варзиш таваҷҷуҳи хеле ҷиддӣ дода мешавад.

Дар доираи сафари расмии худ ба кишвари мо Президенти Ҷумҳурии Парагвай Сантяго Пеня аз Маркази тамаддуни исломиро дар шаҳри Тошканд низ боздид намуд.

Меҳмони олиро вазири сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ҷумҳурии Ўзбекистон Лазиз Қудратов ҳамроҳӣ кард.

Марказе, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев таъсис ёфтааст, маҷмааи таърихию маърифатӣ буда, ба ҳифз, омӯзиш ва тарғиби мероси бебаҳои илмӣ-маънавии тамаддуни исломӣ нигаронда шудааст. Он бо ҳамоҳангии суннатҳои меъмории миллӣ ва ҳалли ороишии муосир бунёд гардидааст. Аз чор тарафи он пештоқҳои баландиашон 34 метр қомат афрохтаанд ва дар қисми марказӣ гунбазе бо баландии 65 метр устувор аст.

Президент Сантяго Пеня ҳамчунин ба толори Қуръони карим ташриф овард, ки дар он яке аз бузургтарин ёдгориҳои маънавии ҷаҳони ислом — Мусҳафи Усмон нигоҳ дошта мешавад. Аҳамияти муҳими ин нусхаи нодир дар таърихи дини ислом ва фарҳанги ҷаҳонӣ таъкид гардид.

Ғайр аз ин, ҳайати Парагвай бо бахшҳои «Тамаддунҳои пеш аз ислом», «Давраи Эҳёи аввал», «Давраи Эҳёи дуюм» ва «Ўзбекистони нав — Эҳёи нав» шинос шуд. Дар ин бахшҳо мероси олимони бузург — Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Абу-Мансур Мотуридӣ, Баҳоваддини Нақшбанд, инчунин нусхаҳои нодири дастнавис, ки ба давраҳои Сомониён, Қарохониён, Хоразмшоҳиён, Темуриён ва дигар сулолаҳо тааллуқ доранд, васеъ инъикос ёфтаанд.

Президент Сантяго Пеня таъкид кард, ки ин маҷмаа барои ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ ва фарҳангӣ имкониятҳои навро мекушояд.

Зикр шуд, ки таҳкими гуфтугӯи фарҳангӣ ва наздикии маънавӣ дар шароити чолишҳои ҷаҳонии муосир аҳамияти махсус касб мекунад.

Ба корҳои васеъ, ки дар Ўзбекистон барои ҳифз, омӯзиш ва тарғиби мероси таърихӣ анҷом дода мешаванд, баҳои баланд дода шуд.

Роҳбари Парагвай ҳамчунин дар Маҷмааи умумии Федератсияи байналмилалии автомобилӣ (FIA) ва маросими ҷоизасупории ғолибони мусобиқаҳое, ки зери сарпарастии ин созмон баргузор мешаванд, иштирок намуд.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Парагвай Сантяго Пеня ба Ўзбекистон идома дорад.

**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Абдулазиз РУСТАМОВ,**
**Марҳабо ХОҶИАКБАРОВА,**
**мухбирони ЎзА.**

***Дар Маркази маърифати Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ маросими муаррифии китоби бадеӣ-публитсистии «Ўзбекистон: Эҳёи сеюм – консепсияи рушд»-и рӯзноманигор ва нависандаи машҳури покистонӣ Муҳаммад Аббос Хон баргузор гардид.***

# ИНЪИКОСИ ҶАРАЁНИ ИСЛОҲОТ ДАР КИТОБИ РӮЗНОМАНИГОРИ ПОКИСТОНӢ

Дар чорабинӣ мушовири Президенти Покистон оид ба масъалаҳои иттилоот, котиби матбуот М. Солангӣ, ҳамоҳангсози Сарвазир оид ба масъалаҳои тиҷорат Р. Эҳсон, муҳаррири калони шуъбаи хабарҳои Ширкати телевизион ва радиои Покистон, шореҳи сиёсӣ Х. Фарҳана, намояндагони Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, вазорату идораҳо, корпуси дипломатӣ, ки дар кишвари мо фаъолият доранд, инчунин ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ, кормандони ВАО ва мутахассисони эҷодӣ иштирок карданд.

Китоб ба забони урду навишта шуда, ҳоло ба забони ӯзбекӣ низ нашр шудааст. Дар он мазмун ва моҳияти ғояи Эҳёи Сеюм, ки аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев пешниҳод мешавад, инчунин решаҳои маънавӣ ва аҳамияти ҷаҳонии он бо рӯҳияи бадеӣ ва публитсистӣ васеъ таҳлил шудааст.

Китоб бо андешаҳои пурарзиши «Давраи нав тасодуфан ба вуҷуд намеояд. Он аввал дар шуури мо бедор мешавад ва дар ҳаёти мо зоҳир мегардад» оғоз шудааст.

Сарвазири Покистон Муҳаммад Шоҳбоз Шариф низ пешгуфтори китобро навишта, аҳамияти илмии ин асарро дар фаҳмидани дурнамои тамаддуни башарӣ таъкид кардааст.

Ба гуфтаи сиёсатмадорон ва коршиносони илмии покистонӣ, асари мазкур ва андешаву тафсирҳое, ки муаллиф дар он баён намудааст, на танҳо дар Покистон, балки дар Аврупо ва дигар кишварҳои ҷаҳон низ баланд арзёбӣ хоҳад шуд. Муаллиф ба ташаббусҳои роҳбарони Ўзбекистон ва Покистон оид ба татбиқи лоиҳаҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ, ки Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро мепайванданд, таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад ва ин ҷараёнро ҳамчун эҳёи воқеии Роҳи бузурги абрешими афсонавӣ арзёбӣ намудааст.

Дар хулоса метавон гуфт, китоби «Ўзбекистон: Эҳёи сеюм – Консепсияи оянда» натиҷаи мушоҳидаҳои панҷсолаи рӯзноманигори маъруф Муҳаммад Аббос Хон буда, китоб на танҳо маҷмӯаи маълумотҳоро оид ба Ўзбекистон дар бар мегирад, балки муаллиф дар он навсозӣ ва раванди ислоҳотеро, ки дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии кишвар рӯйи кор меоянд, равшан инъикос намудааст.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# ҲАЁТИ НАВИ ДИЁРБЕК: ҚАДАМ БА СӮИ ЭЪТИМОД, ИМКОНИЯТ ВА ПИРӮЗӢ



*Барои Диёрбек Музаффаров, ки дар маҳаллаи Ёшлики шаҳри Зарафшони вилояти Навоӣ зиндагӣ мекунад, соли хониши имсола давраи муҳим ва ҳалкунандаи зиндагӣ буд. Пас аз панҷ соли таҳсил дар хона Диёрбек ба синфи инклюзивии мактаби миёнаи № 4 қабул шуд. Ин қарор дар ҳаёти хонанда дарҳои имкониятҳои навро боз кард.*

*Эътибор ва дастгирии омӯзгорон ва ҷамоаи мактаб, ҳамчунин имкони таҳсил дар канори ҳамсинфонаш эътимоди Диёрбекро ба худ афзуд. Маҳфили гурӯҳи вокалӣ, ки ӯ дар он иштирок мекунад, низ барои намоён кардани истеъдоди ҷавон кумак расонд.*

*– Аввал вуҷудамро ҳаяҷон фаро гирифт, – мегӯяд Диёрбек Музаффаров. – Ҳамсинфонам ва муаллимон маро самимона пазируфтанд ва ман зуд ба ин муҳит мутобиқ шудам. Дӯстони нав ва таваҷҷуҳи устодонам ба ман неру бахшид. Ғайр аз ин, ман ба суруд хондан шавқ дорам. Дар хона ҳамеша бо модарам машқ мекардам. Ҳатто иштирок дар маҳфили мактаб барои рушди овозам имкон фароҳам овард. Ба наздикӣ ман дар марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни «Ту соҳибистеъдодӣ» ширкат карда, ғолиби зинаи ҷумҳуриявӣ гардидам. Дар оянда ман ният дорам, таҳсилро идома дода, сурудхони хуб шавам.*

***Дар сурат:** пас аз панҷ соли таҳсил дар шароити хона, Диёрбек ба синфи инклюзивии мактаби таҳсилоти умумии № 4 қабул шуд.*

***Суратгир: Сироҷ АСЛОНОВ,***
***ЎзА.***

# ХАТНАСУРИ КӮДАКОНИ КАМБИЗОАТ БАРГУЗОР ГАРДИД

***Дар маркази маҷмӯаи «Фаввора»-и ноҳияи Тӯрақӯрғон бо ташаббуси раиси ҷамъияти маъюбони ноҳия Алишер Тӯхтаматов маросими тӯйи хайриявии 25 нафар кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ раисони ташкилот ва муассисаҳои дахлдор, нурониён, фаъолони маҳаллаҳо, ҳунарманду соҳибкорон ва намояндагони ВАО иштирок намуданд.

– Дар маҳаллаи Шарқ зиндагӣ мекунем, – мегӯяд яке аз иштироккунандаи тадбир, модари тӯйбача Фотима Абророва. – Орзуи мо имрӯз ҷомаи амал пӯшид. Имкони тӯй кардан надошта будем, аз шунидани ин чорабинӣ хеле шод гаштем. Ба ташкилотчиён миннатдорӣ изҳор мекунам. Иди имрӯза барои писарам, аъзоёни оилаамон, хешу табор фаромӯшнашаванда шуд.

Суруду рақсҳои дилнишин ба чорабинӣ зеб бахшид.

Ба кӯдакон аз тарафи ҳомиёни саховатпеша тухфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**




*Симои номварони таърих*

# ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

*«Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст».*
*(Аз халқ).*

Дар офаридаҳои халқ, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва адабӣ симои номварони таърихӣ, воқеӣ ва хаёлӣ дучор меоянд, ки онҳо бо амали хайр ё шарр шӯҳрат ёфта, то рӯзгори муосир расидаанд.

Яке аз чунин ашхоси дар адабиёти хаттию шифоҳии ҷомеа машҳур Луқмони Ҳаким ки шахсияташ то ҳанӯз норӯшан мондааст. Дар эҷоди халқ ҳикоёту ривоёти бешумор ба Луқмони Ҳаким мансуб дониста шудаанд. Ӯро табиби ҳозиқ, носеҳу хирадманд меноманд.

Доктори илми тиб Ю.Нуралиев, номзади илми филология А. Девонақулов аз шахсияти таърихии Луқмони Ҳаким бо мақолаи илмии ҳамкорона дарак дода буданд.(Рӯзномаи «Маориф ва маданият», 9-уми феврали соли 1978).

Алиакбари Деҳхудо аз шахсияти таърихии Луқмони Ҳаким ва шонздаҳ нафар Луқмони дигар, ки ҳар яке олим, шоир, ҳаким, ҷомеашинос будаанд, аз сарчашмаҳои илмию адабӣ ва таърихӣ ҳуҷҷату далелҳои гувоҳидиҳанда ҷамъ ва шахси таърихӣ будани Луқмони Ҳакимро ошкор намудааст. Алиакбари Деҳхудо дар асари машҳураш «Луғатнома» оварда: «Луқмон – номи марди ҳаким, ки бино ба ривояти исломӣ аслаш «ҳабашӣ» буда, дар рӯзгори Довуд пайғамбар мезистааст ва дар «Қуръон» зикри вай омадааст».

Ҳабашӣ будани Луқмонро Саъдии Шерозӣ низ фармудааст:

*Шунидам, ки Луқмон*
*сияҳфом буд,*
*На танпарвару*
*нозукандом буд.*

Муҳаммад Муин (муаллифи «Фарҳанги форсӣ») менависад:

«Довуд – подшоҳи Исроил (ҳудуди солҳои 1010-970-уми қабл аз милод) ҷонишини Шоул шуд ва бар фаластиниён ғалаба ва Байтулмуқаддасро таъсис кард». Ин маълумоти Муҳаммад Муин далолат мекунад бар он, ки замони зиндагии Луқмони Ҳаким ба солҳои ҳазоруми пеш аз солшумории мо рост меояд.

Ҳамидуллоҳи Муставфӣ дар асараш «Таърихи гузида» чунин маълумот меоварад:

«Луқмон алайҳиссалом ба қавли баъзе муаррихон амакзодаи Иброҳим Халил аст ва ба қавле ғуломи сиёҳ (ҳабашӣ) ва баъзе ӯро пайғамбар шуморанд. Номи ӯ сареҳан (ошкоро, равшан) дар «Қуръон» омадааст».

Олими машҳури асри VIII Иброҳими Адҳами Балхӣ оид ба вафот ва оромгоҳи Луқмони Ҳаким гуфтааст:

«Қабри Луқмон миёни масҷиди Рамаллоҳ (ноҳияе дар Фаластин) ва бозори имрӯз аст. Илова бар қабри Луқмон қабри ҳафтод нафар аз пайғамбарони бузург, ки баъд аз Луқмон вафот кардаанд, он ҷост».

## БИСТ ПАНДИ ЛУҚМОНИ ҲАКИМ БАР ФАРЗАНДИ ХУД

1. Авввал он ки, эй ҷони падар, Худои азизу бузургро бишнос.
2. Сухан ба андозаи хеш гӯй.
3. Қадри мардум бидон.
4. Рози худро нигаҳ дор.
5. Дӯстро бо суду зиён имтиҳон кун.
6. Аз мардуми аблаҳу нодон бигрез.
7. Дар кори хайр ҷидду ҷаҳд намой.
8. Ҷавониро ғанимат дон.
9. Падару модарро ғанимат дон.
10. Устодро беҳтарин падар шумор.
11. Ҷавонмардӣ пеша кун.
12. Ҷомаву тан пок нигоҳ дор.
13. Фарзандро илму адаб биёмӯз.
14. Кори имрӯзаро ба фардо магузор.
15. Ҳоҷатмандро навмед макун.
16. Забон нигоҳ дор.
17. Дар корҳо шитоб макун.
18. Аз бузургон роҳ пеш марав.
19. Сергап ва мағрур мабош.
20. Зиндагонӣ кун ба Худои таоло ба сидқ, бо халқ бо инсоф, ба бузургон ба хидмат, ба хурдон ба шафқат, ба дарвешон ба саховат, ба дӯстону ёрон ба насиҳат...

Таҳияи **Собир ЭРГАШЕВ,**
ноҳияи Фориш.

*Гуфтаҳои бузургон*

**Омӯзгор ва рӯзгор**

Инсон ду муаллим дорад: омӯзгор ва рӯзгор. Ҳарчӣ бо ширинӣ аз авалӣ наомӯзӣ, дувумӣ бо талхӣ ба ту меомӯзад. Авалӣ ба қимати ҷонаш, дувумӣ ба қимати ҷонат...

**Аз «Гулистон»-и САЪДӢ**

*Назди арбоби ҳунар*
*мояи инсон адаб аст,*
*Лоҷарам пешаи*
*мардони сухандон*
*адаб аст.*
*Одамизода агар*
*беадаб аст, одам*
*нест,*
*Фарқ мобайни бани*
*одаму ҳайвон адаб*
*аст.*
*Чанд рӯзе, ки дар ин*
*мулки ҷаҳон меҳмонӣ,*
*Боадаб бош,*
*ки хосияти меҳмон*
*адаб аст.*

**(Ҷалолиддини БАЛХӢ).**

**Гирдоваранда Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

# МЕВАЕ, КИ ҶАҲОНРО ДИГАРГУН СОХТ

Дар ороми як боғи сабз, зери сояи дарахти себ, лаҳзае сурат гирифт, ки ҷаҳони инсонро дигаргун сохт. Мевае аз шоха ҷудо шуд, ба замин афтод ва як нигоҳи одӣ ба як воқеаи бузурги таърих табдил ёфт. Ин манзара дар зеҳни ҷавони пуртафаккур Исҳоқ Нютон саволеро бедор кард: «Чаро ин мева ҳамеша ба замин меафтад, на ба осмон?» Саволе, ки шояд барои бисёре чизе ҷуз одат намебуд, барои ақли бедор оинаи асрор гардид. Нютон бо таҳқиқи ин ҳодисаи одӣ қонуне кашф кард, ки тамоми оламро ба ҳам мепайвандад – қонуни ҷозиба. Аз як мева дари маърифат кушода шуд, аз як нигоҳи бодиққат асрори замину осмон ошкор гардид.

Ин ҳодиса моро ба як ҳақиқат мерасонад: ҷаҳони бузург дар тафсилоти хурд пинҳон аст. Ҳар лаҳзаи зиндагӣ метавонад ба калиди асрор табдил ёбад, агар чашми бедор ва ақли ҷӯё дошта бошем. Меваи одӣ сабаби кашфи қонуни абадӣ шуд – пас ҳар фикр, ҳар мушоҳида, ҳар як қадам метавонад омили инқилоби маърифат гардад.Аммо имрӯз, агар ба ҷомеаи худ назар кунем, суоли талх ба миён меояд: чаро мо камтар аз гузашта ба илм рӯ меорем? Дар ҳоле ки китобхонаҳо хомӯш мондаанд ва китобхонҳо кам шудаанд, экранҳои телефон ва шабакаҳои иҷтимоӣ рӯз то рӯз бештар вақт ва таваҷҷуҳи ҷавононро мегиранд. Саволҳои бузурге, ки бояд дар зеҳни насли нав пайдо шаванд, бисёр вақт зери садои дунёи маҷоз гум мешаванд.

Ин дар ҳоле аст, ки илм ва маърифат аслан аз ҳамин сарзаминҳои Шарқ сарчашма гирифта буданд. Қадимтар аз Нютон, ҳазор сол қабл, абармардоне чун Абӯалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абӯнасри Форобӣ ва хусусан Мирзо Улуғбек ситораҳои осмонро мушоҳида мекарданд, қонунҳои табиатро меомӯхтанд ва рисолаҳое менавиштанд, ки баъдан ба забонҳои аврупоӣ тарҷума шуданд. Ҳозира мо калимаи «медитсина»-ро ҳар рӯз истифода мебарем. Аммо маънои аслии он аз куҷо меояд? Оё шуморо ҳайрон намекунад, ки решаи ин вожа ба номи Абӯалӣ ибни Сино пайванд дорад? Дар бархе манбаъҳо таъкид мешавад, ки «Меди Сино», яъне «илми Сино» гуфта мешуд. Вақте мо бо оромӣ онро талаффуз мекунем, маънояш равшан мешавад: тибби ҷаҳон асрҳо бо номи Сино маъруф буд. Ин ҳақиқат шояд барои мо табиӣ бошад, вале бисёр донишмандони Аврупо ва ҳатто худи Исҳоқ Нютон аз чунин ростӣ дар ҳайрат мемонданд.

Ҳамзамон, Абӯабдуллоҳи Хоразмӣ бо асари худ дар риёзиёт боби нав кушод. Аз китобҳои ӯ истилоҳи «алгебра» ба тамоми ҷаҳон паҳн гардид ва то имрӯз номи ин илм бо номи ӯ пайвастааст. Ҳамон осори онҳо буд, ки ба дасти донишмандони ғарбӣ расид ва заминаи «Эҳёи илмӣ»-и Аврупоро фароҳам кард. Бо вуҷуди ин, вақте дар Аврупо кашфиёти нав яке паси дигар пайдо мешуд ва Нютон бо як «себи афтода» тамоми қонунҳои ҳаракатро ошкор кард, дар сарзамини мо шамъи маърифат хомӯш шудан гирифт. Ин тафовут имрӯз ҳам моро ба андеша водор месозад: чаро мо, ки замоне пешсафони илм будем, имрӯз аз китобу дониш дур шудем?

Имрӯз ҷавонон бояд бидонанд, ки Нютон танҳо як рамз аст. Ӯ дар Аврупо зода шуд ва кашфиёти худро анҷом дод, аммо решаи илму маърифат аз Шарқ оғоз гардида буд. Пас, агар мо аз мероси гузашта ибрат гирем ва чашми худ ба оламро дубора бо андеша боз кунем, шояд навбати боз як Нютон, боз як Улуғбек аз миёни ҷавонони мо садо диҳад. Мевае, ки ҷаҳонро дигаргун сохт, танҳо як себ набуд – балки рамзи қудрати андеша буд. Нютон агар ба меваи афтода бо чашми одӣ менигарист, ҳеҷ чиз тағйир намеёфт. Вале ӯ савол дод, фикр кард ва ҷаҳонро дигаргун сохт. Ин мисол ба мо меомӯзад, ки ҳар як рӯйдоди хурд метавонад калиди кашфиёти бузург гардад, агар мо низ ҷуръати пурсидан ва андеша кардан дошта бошем. Имрӯз ҳам ҷомеаи мо ба чунин Нютонҳо ниёз дорад: ба ҷавононе, ки китобро аз телефон авлотар медонанд, ба илм бо муҳаббат менигаранд ва одиро аз нав мефаҳманд. Нютон қонуни ҷозибаро ошкор кард, аммо қонуни дигаре низ ҳаст: ҷозибаи фикр ва илм. Ин қонун ҳар миллатеро, ки ба дониш такя мекунад, боло мебарад ва ҳар ҷомеае, ки аз илм рӯ мегардонад, ба замин меафканад. Пас, агар мо имрӯз ба як меваи одӣ бо чашми ҷӯё нигарем, шояд фардо қонуни нав, кашфиёти нав ва ҷаҳони нав аз миёни фарзандони мо зуҳур кунад. Мевае, ки ҷаҳонро дигаргун сохт, моро ба як ҳақиқат мерасонад: илм ва фикр бузургтарин сармояи башариятанд – сармояе, ки танҳо бо чашми бедор ва қалби ҷӯё зинда мемонад.

**Салоҳиддин ҶАҲОНГИРЗОДА.**

# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯйӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Киштии Нӯҳ» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

### КИШТИИ НӮҲ

*Равнақи аҳди шабоб аст дигар бӯстонро,*
*Мерасад муждаи гул булбули хушилҳонро.*
*Эй сабо, гар ба ҷавонони чаман бозрасӣ,*
*Хидмати мо бирасон сарву гулу райҳонро.*
*Тарсам, ин қавм, ки бар дурдкашон механданд,*
*Дар сар кори харобот кунанд имонро.*
*Ёри мардони Худо бош, ки дар киштии Нӯҳ,*
*Ҳаст хоке, ки ба обе нахарад тӯфонро.*
*Бирав аз хонаи гардун бадару нон маталаб,*
*К-ин сияҳкоса дар охир бикушад меҳмонро.*
*Ҳар киро хобгаҳи охир ба ду муште хок аст,*
*Гӯ, чӣ ҳоҷат, ки ба афлок кашӣ айвонро?*
*Ҳофизо, май хӯру риндӣ куну хуш бош, вале*
*Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро.*

Навиду муждаи некӣ дар роҳ аст ва замони берун омадан аз тангноҳо ва душвориҳо фаро расидааст. Бар хушиҳои рӯзгор низ набояд такя кард ва онро доимӣ дошт. Чашм ба иноят ва иродаи Парвардигор бояд дошт, ки он асилу монданист.

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

# ДАР САМАРҚАНД ПОМИДОРПАРВАРИ АВВАЛ КӢ БУД?

***Помидор сабзавоти маъмул буда, мардум онро қариб ҳар рӯз истеъмол мекунанд. Ҳарчанд ватани он Амрикои Ҷанубӣ аст, худ калимаи италиёӣ буда, маънои «себи сурх»-ро дорад.***

Шояд аксар надонанд, ки помидор, масалан дар Самарқанд чӣ тавр пайдо гаштааст.

Бояд гуфт, ки дар оғози асри XX деҳқони асили маҳаллаи Хоҷа Аҳрори Валии ноҳияи Самарқанд бобои Ҳусайн аввалин шуда бо парвариши ниҳоли помидор машғул гашт. Ҳоло анъанаи неки ин марди шарифро сулолаи Бобомуродовҳо идома медиҳанд. Бинобар ин, онҳоро дар Самарқанд ҳамчун асосгузори кишти помидор мешиносанд.

– Бобокалони ман Ҳусайндеҳқон бо русҳо риштаи дӯстӣ доштанд ва аз онҳо тухмии помидор ва картошкаро оварда, бо парвариши ин намуди сабзавот машғул мешуданд, ҳатто барои ин аз баъзе пешвоёни дин танбеҳ ҳам гирифтаанд, ки гӯё ба кишти сабзавоти «кофирон» сарукор дорад, – гуфт абераи Ҳусайнбобо, деҳқони асил Ҳоҷимурод Бобомуродов. – Хушбахтона, бо гузашти айём аҳолии таҳҷоӣ ба кишту истеъмоли помидор ва картошка одат карданд. Ҳоло он яке аз сабзавоти серғизо ва асосии аҳолии мост. Баъд падари бузургворам Саидмурод Бобомуродов, худам ва ҳамсарам Умаро Мустафоқулова солҳои тӯлонӣ дар минтақаи Янгиариқи собиқ хоҷагии ҷамоатии «Гулистон» бо сабзавоткорӣ ризқу насиба ёфтем. Фарзандону наберагон хоҷагии фермерии «Боғи Ҳоҷимурод Бобомуродов»-ро ташкил карда, дар 15 гектар замин бо деҳқонӣ ва боғбонӣ машғуланд. Касби бобоиро идома медиҳанд.

Ҳ.Бобомуродов таъкид кард, ки помидор растании яксола буда, аз як гектар майдон то 600-800 сентнер ҳосил гирифтан мумкин аст. Дар Самарқанд бештар навъҳои «Волгоград», «Кубан», «Гулобӣ»-и онро парвариш мекунанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Аҷаб диёре*

# ҶАНГАЛИ САНГӢ – ГАНҶИ ПИНҲОНИ САҲРОИ ҚИЗИЛҚУМ



***Яке аз падидаҳои нодири табиии ҷаҳон — ҷангали сангии Ӯзбекистон дар ноҳияи Учқудуқи вилояти Навоӣ, дар наздикии деҳаи Мингбулоқ ҷойгир аст. Ин ҷо як бозёфти муҳими археологӣ ва осорхонаи палеонтологии зери осмони кушод ба шумор меравад.***

Дар ҷаҳон ҷангалҳои сангӣ аз ҳодисаҳои нодир буда, аксари онҳо таърихи миллионсолаи табииро соҳибанд. Аз ин рӯ, чунин мавзеъ на танҳо зебоии табиӣ, балки аҳамияти бузурги илмӣ низ доранд.

Бояд гуфт, ки ноҳияи Учқудуқ қариб дар масофаи 300 километр аз маркази шаҳри Навоӣ ҷойгир аст ва чун гавҳари саҳрои Қизилқум гӯшаҳои зебову манзилҳои зиёди таърихӣ дорад. Ҷангали сангӣ бошад, аз ноҳия тақрибан 130 километр дур буда, 100 километри роҳи Мингбулоқ асфалт ва 30 километри боқимонда роҳи омехтаи регу санг аст. Бояд гуфт, ки дар мавсими боронӣ мошинҳои оддӣ наметавонанд ин роҳро убур намоянд. Аз ин рӯ, аз деҳа то мавзеъ бояд бо нақлиёти махсус рафт.

Бино ба маълумотҳо пасттеппаи Мингбулоқ пасттарин нуқтаи релефи Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад ва дар чуқурии 12 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст.

Аз рӯйи тахминҳои илмӣ, ҷангали сангӣ тақрибан 100 миллион сол пеш бар асоси дарахтони бузург, ки дар соҳили баҳри қадимаи Тетис рӯйидаанд, ба вуҷуд омадааст. Он замон ин мавзеъ зери об ва пур аз ҷангалҳои сабз будааст. Баъдан, дар натиҷаи тағйироти қавии геологӣ, фаъолияти вулқонӣ ва вокунишҳои кимиёвӣ, боқимондаҳои набототу ҳайвонот тадриҷан минерализатсия шуда, ба санг табдил ёфтаанд.

Бино ба ривояти дигар, ҳазорҳо сол пеш ба ин ҷо метеорит афтодааст. Дар натиҷаи зарбаи сахт сатҳи баҳр тағйир ёфта, ҷангалзор ва мавҷудоти зиндаи гирду атроф дар зери гармии офтоби сӯзон хушк шудаанд ва бо гузашти вақт ба санг мубаддал гардидаанд. Ин ҳодиса яке аз саҳифаҳои хеле аҷиби таърихи геологии саҳрои Қизилқум, ки дар масоҳати сӣ миллион гектар доман густурда, дорои флора ва фаунаи хоси худ мебошад, ба шумор меравад.

– Дар ин «ҷангали сангӣ» то имрӯз боқимондаҳои сангшудаи моҳиҳои дарранда, ҷонварони қадимаи заминӣ ва ҳатто устухон, дандонҳо ва косахонаи сари динозаврҳо ба чашм мерасанд, – мегӯяд муаррих Рамазон Эгамов. – Ин ҳама аз он далолат мекунанд, ки замоне дар ҷойи Қизилқум укёнуси бузург вуҷуд доштааст. Дар бораи пайдоиши «ҷангали сангӣ» боз чунин фарзия мавҷуд: дар он давра дарахтон ва буттаҳои хурде, ки зери об месабзиданд, дар канори дарё ҷойгир буданд. Қумҳои гирду атроф бо ҷараёни об омада, оҳиста-оҳиста дар гирди дарахтон ҷамъ мешаванд ва ҳолати ба санг табдил ёфтани онҳо рух медиҳад. Дар натиҷа, растаниҳо хушк мешаванд. Пас аз хушк шудани дарахтҳо, дар ҷойи онҳо холигӣ пайдо мегардад ва ин холигӣ бо қуму тахшинҳо пур мешавад. Дар тӯли миллионҳо сол ин таҳшинҳо ба санг мубаддал мегарданд.

«Ҷангали сангӣ» ҳамчун объекти нодири геологӣ, палеонтологӣ, таърихӣ ва табиӣ имрӯз низ диққати олимони ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунад.

Солҳои 2000–2006 таҳти роҳбарии олими палеонтолог, профессор Ҷеймс Девид Арчибалд дар ҳамкорӣ бо олимони Ӯзбекистон, Русия, Британияи Кабир, Амрико ва Канада экспедитсия гузаронида шуд ва маҳз дар натиҷаи ин кофтукобҳо бисёриҳо аз ин мӯъҷизаи нодири табиати Қизилқум огоҳ гардиданд.

Имрӯз ин минтақа ҳамчун объекти сайёҳӣ ба яке аз масканҳои дӯстдоштаи сайёҳони маҳаллӣ ва хориҷӣ табдил ёфтааст.

– Тибқи қарори Девони Вазирон аз 10 марти соли 2022 «Дар бораи чораҳои рушди инфрасохтори туризм ва объектҳои мероси фарҳангӣ дар соли 2022», Рӯйхати лоиҳаҳо дар самти такмили шабакаҳои муҳандисӣ-коммуникатсионии объектҳои сайёҳӣ, реставратсия, консерватсия ва obод кардани объектҳои мероси фарҳангӣ, сохтмон, таҷдид, васеъсозӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳию фароғатӣ тасдиқ гардид, – мегӯяд муовини сардори Садорати сайёҳии вилояти Навоӣ Дилшод Хӯҷаев. – Дар асоси ин дар атрофи ёдгории табиӣ-археологии «ҷангали сангӣ» корҳои насби панҷараҳои 3D, батареяҳои офтобӣ, камераҳои назоратӣ ва чароғҳои равшанидиҳандаи шабона дар назар аст. Ҳоло дар ин минтақа хизматрасониҳои роҳбаладӣ, аниматсияи этникӣ, сайр бо аспу шутур, агротуризм, иҷрои фолклор, ҳунармандӣ, хонадонҳои гастрономӣ барои омода кардани таомҳои миллӣ, хона-музейҳо, маҳсулот аз шири шутур, усулҳои табобатӣ ва фурӯши онҳо барои сайёҳон ба роҳ монда шудааст. Дар деҳаи Мингбулоқ меҳмонхонаҳои оилавӣ ва ҷойҳои истироҳатӣ таъсис ёфта, бо ворид кардани онҳо ба самтҳои нави сайёҳӣ, шумораи меҳмононе, ки аз ёдгории табиӣ-археологии «ҷангали сангӣ» дидан мекунанд, бамаротиб афзудааст.

Ёдовар мекунем, ки дар ҷаҳон ҷангалҳои сангии Аризона, (ИМА), Лесбос (Аврупо), Патагония (Аргентина), Ҳиндустон (ҷануби Ҳиндустон – Тамил Наду), Мадагаскар, Линганг (Чин), Чатсуорт (Австралия) низ мавҷуданд, ки аксари онҳо ба мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил карда шудаанд.

**Ш.ЙӮЛДОШЕВА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 3676. Ҳаҷм 2 чузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.